Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак,
шаҳраки донишҷӯён, бипои таълимии 7)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, профессори кафедраи маркетинг ва менеҷменти Донишгоҳи давлатии Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Навруз-Зода Бахтиёр Негматович ба диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм

Диссертатсия ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоп аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ҷавобгӯ мебошад: 1.1. «Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои бунёдӣ, принсипҳои асосӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ», 1.3. «Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои максадноки баҳисобгирии бухгалтерӣ», 1.7. «Баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андоз ва ғайра) дар ташкилотҳои дорои шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ, доира ва соҳаи гуногун», 1.10. «Назария ва методологияи буҷасозӣ», 1.13. «Ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи сегментҳо, бизнес-ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ», 1.16. «Проблемаҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот (кор, хизмат)», 3.2. «Асосҳои назариявӣ ва методологӣ, вазифагузориҳои мақсадноки аудит ва назорат», 3.9. «Инкишофи методологияи комплексии усулҳои аудит ва назорат».

## Мубрамияти мавзуи диссертатсия

Дар шароити иқтисоди бозорӣ, вобаста ба тағйирёбии муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳои хоҷагидорӣ ва мутобиқ намудани қонунгузориҳои амалкунандаи соҳавӣ ба стандартҳои байналмилалӣ тақозо менамояд, ки фаъолияти корхонаҳо, соҳибкорони инфиродӣ ба ин низом ҳамоҳанг карда шуда, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз ҷумла корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ таҳвил гардида, ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ мутобиқ карда шаванд.

Мутобиқи барномаҳои ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи СБҲМ, дар баробари таҳияи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгири муҳосибӣ ва шаклҳои ҳисоботи молиявӣ мутобиқи

СБҲМ, коркарди низомнома ва дастурамалҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва дастурҳои методӣ оиди муайян кардани арзиши аслии маҳсулот (кору хизматрасонӣ), тартиби баҳисобгирии даромаду хароҷот барои соҳаҳои гуногунро пешбинӣ менамояд. Дар ин доира, сайёҳӣ ҳамчун соҳаи иқтисодиёт дар умум, ҳамчун фаъолияти одамон дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ ва пешниҳод намудани хизматрсониҳои гуногуни сайёҳӣ, баро қонеъ гардондани талаботи сайёҳон дар шароити захираҳои маҳдуди сайёҳӣ баромад мекунад.

Дар иқтисдиёти муосир, бозори сайёҳии ватанӣ дар асоси фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ ташаккул меёбад, ки мақсади фаъолияти онҳо пешбарии маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ аз истеҳсолкунандагон ба истеъмолкунандагон мебошад. Дар ин марҳала корхонаҳои гуногуни сайёҳӣ ва ба сайёҳӣ алоқаманд фаъолият менамоянд, ки амалиётҳои гуногунро барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти сайёҳон амалӣ менамоянд.

Натиҷаҳои таҳлили таҳқиқотҳои илмӣ оид ба масъалаҳои назария, методология ва амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайҳӣ нишон медиҳанд, ки дар замони муосир коркарди дастурамали соҳавии баҳисобгирии муҳосибӣ дар сайёҳӣ оид ба ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ бо мақсади баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, экологӣ ва андозӣ ба миён омадааст, ки тамоми ҷанбаҳои баҳисобгирии муҳосибии маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳиро фаро гирад, то ки на танҳо самтҳои умумиметодологӣ, инчунин тамоми самтҳои фаъолияти бизнеси сайёҳӣ, сегментҳои алоҳидаи онро дар бар гирифта, барои дуруст муайян намудани натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ мусоидат намояд.

Барои такмили ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар сайёҳӣ таҳқиқот ва пешниҳоди роҳҳои илман асосноккардашудаи методологӣ, вобаста ба тағйирёбии тамоюл ва афзалиятҳои рушди баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, экологӣ ва андоз, ки ба ҳолати воқеии иқтисодиёт ва рушди сайёҳии мамлакат алоқамандӣ дорад, ба миён омадааст.

Мақсади таҳқиқоти диссертсионӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва таҳияи методологияи муосири пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ, ки хусусияти универсалӣ дошта, вазъият ва тамоюли рушди ин намуди фаъолиятро ба инобат мегирад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Дар мавриди иҷро кардани кори диссертатсионӣ таҳлили ҳамаҷонибаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ, сарчашмаҳои илмӣ-амалӣ, таҳқиқотҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ гузаронида шудаанд, ки имкон доданд масъалаҳои

ҳалталаби ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ муайян карда шуда, натиҷаҳои илмии гирифташуда асоснок карда шаванд. Асоснокӣ ва эътимоднокии дастовардҳо ва натиҷаҳои илмӣ бо истифодабарии равишҳои низомнокӣ, усулҳои муосири оморӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳлили иқтисодӣ муайян карда шуда, бо нишондиҳандаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии корхонаҳои сайёҳии ватанӣ, сарчашмаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ, маводҳои вазорату идораҳои ваколатдори давлатӣ, созмонҳои байналмилалии сайёҳӣ, маводҳои интернетӣ ва сарчашмаҳои дигар тасдиқ карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз омӯзиши рушди асосҳои назариявӣ-методологӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ иборат мебошад. Натиҷаҳои мушаххаси илмие, ки дар раванди таҳқиқот ба даст оварда шудаанд ва дорои навгонии илмӣ мебошанд, чунинанд:

1.Ташаккули асосҳои назариявӣ ва иқтисодии категорияи туризм таҳқиқ карда шуда, мавқеи он дар рушди иқтисодиёт муайян карда шудааст. Нақши сайёҳӣ дар мамлакатҳои соҳаи сайёҳиашон рушдёфта таҳлил ва баҳодиҳӣ карда шуда, истифодабарии таҷрибаи пешқадами онҳо барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва пешниҳод карда шудаанд. Ошкор карда шудааст, ки соҳаи сайёҳӣ ба рушди дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла: меҳмонхонадорӣ, соҳибкории инфиродӣ, савдо, варзиш, сохтмон, нақлиёт, кишоварзӣ, алоқа, муассисаҳои хӯроки умумӣ, хизматрасонии бонкӣ, фарҳанг, иттилоот, суғурта, андоз, инчунин паст кардани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ мусоидат менамояд.

2. Дар натиҷаи таҳлили танзими соҳаи сайёҳии мамолики гуногуни ҷаҳон моделҳои амалкунандаи батанзимдарории меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, истифодабарии модели якум, ки дар он иштироки бевоситаи давлат дар танзими фаъолияти сайёҳӣ, ки барои мамлакати мо соҳаи афзалиятнок маҳсуб меёбад, ба мақсад мувофиқ ҳисобида шудааст. Исбот карда шудааст, ки танзими соҳаи сайёҳӣ аз ҷониби давлат бо пешниҳоди имтиёзҳои гуногун амалӣ карда мешавад, ки барои рушди соҳа мусоидат намуда, корхонаҳои сайёҳӣ маҳсулоти гуногуни сайёҳиро пешниҳод намоянд ва барои амалӣ намудани сиёсати иҷтимоии мутобиқ мусоидат менамоянд.

3. Муқаррар карда шудааст, ки вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳавии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-

хоҷагидории дар ҳисоботи молиявӣ пешниҳодшаванда қодир бошад талаботи иттилоотии истифодабарандагони дохилӣ ва беруниро пурра қонеъ карда тавонанд.

Имрӯзҳо, корхонаҳои сайёҳӣ натиҷаҳои молиявии худро дар асоси қонунгузории андоз, Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ пешбинӣ менамоянд. Вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳа ва таҳлили санадҳои меъёрии танзимкунанадаи баҳисобгирии муҳосибӣ таҳияи низомномаи соҳавӣ оид ба арзишмуайянкунии маҳсулоти сайёҳӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии сайёҳӣ мувофиқи мақсад дониста шудааст, ки барои баҳисобгирӣ ва назорати фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, аз ҷумла ба рушди соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамояд.

4. Бо назардошти хусусиятҳои соҳавии корхонаҳои сайёҳӣ муаммоҳои методологии ташкили баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ ошкор карда шудааст ва ба ду гурӯҳ: муаммоҳои ташкилӣ ва хос тақсим карда шудааст. Вобаста ба ин, дар диссертатсия барои ҳалли муаммоҳои методологии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ як қатор тавсияҳои амалӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст. Бо ин мақсад, дар диссертатсия барои ҳалли масъалаҳои методологии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ якчанд тавсияҳои амалӣ коркард ва пешниҳод карда шудаанд. Барои муайян намудани арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ таснифоти хароҷоти истеҳсолӣ асоснок карда шуда, бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ аз рӯйи якчанд аломат гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

5. Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои ташкилӣ-методии сиёсати баҳисобгирӣ тасдиқ карда шудааст, ки дар замони муосир сиёсати баҳисобгирӣ яке аз унсурҳои калидии сиёсати идоракунии корхона маҳсуб меёбад. Корхона бояд мустақилона, вобаста аз самти фаъолият ва ҳадафҳои дар пешаш гузошташуда, сиёсати баҳисобгирии худро таҳия ва тасдиқ намояд. Мувофиқи талаботҳои СБҲМ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунанади баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин хусусияти фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, сиёсати баҳисобгирии мувофиқи баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ ва экологӣ коркард карда шудстааст. Моделҳои мувофиқи сиёсати баҳисобгирии дар диссертатсия пешниҳоднамудаи муаллиф чунон сатҳи ташкилии сохтори хадамоти муҳосибот ва сарчашмаи иттилоотиро пешбинӣ менамоянд, ки барои оқилона ба роҳ мондан ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мусоидат менамояд.

6. Вазъи муосири ташкили баҳисобгирии муҳосибии даромадҳо, хароҷот ва назорат, вобаста хусусиятҳои хос ва самти фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, яъне фаъолияти тиҷоратӣ ва миёнаравии ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ, ки ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ машғуланд ва гуногунии

баҳисобгирии муҳосибии онҳо таҳлил карда шуда, роҳҳои такмили низоми мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ пешниҳод карда шудааст. Ҷанбаҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирӣ, фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, вобаста ба ҳуқуқи амалӣ намудани фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматрасониҳои сайёҳӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, тартиби баҳисобгирии даромад ва хароҷот ва муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ, вобаста ба фаъолияти истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва миёнаравии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст.

7. Муайян карда шудааст, ки низоми назорати дохилӣ – маҷмуи чорабиниҳои аз ҷониби роҳбарияти корхона бароҳмондашудаи методӣ ва воситаҳо барои бонизом омода намудани ҳуҷҷатҳои аввалия, пешбурди самараноки фаъолияти молиявӣ, таъмини амнияти дороиҳо, ошкорсозӣ, ислоҳ ва бартараф кардани хатоҳо ва таҳрифоти маълумот, инчунин сари вақт тайёр намудани ҳисоботи саҳеҳи молиявӣ мебошад. Объектҳои назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ бо низоми баҳисобгирии муҳосибии корхона алоқаи зич доранд, мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифта, вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳа ва субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ модели ташкили низоми назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ таҳия ва пешниҳод шудааст. Методикаи амалкунандаи назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ таҳлил карда шуда, вазифаҳо, марҳилаҳои асосӣ, давраҳои назоратӣ муайян, инчунин методикаи назорати дохилии даромадҳо, хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ коркард шудааст.

8. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи амалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ, муайян карда шудааст, ки маҳсулоти сайёҳӣ объекти асосии баҳисобгирии муҳосибӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, таснифоти даромадҳо ва хароҷот аз рӯи намуди фаъолияти мушаххаси корхонаҳои сайёҳӣ, ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ бо усули меъёрӣ ва фармоишӣ асоснок карда шудааст, ки барои муайян намудани майлкуниҳо, тағйирёбиҳо ва ояндабинии фаъолияти корхонаи сайёҳӣ муҳим аст. Роҳҳои такмили низоми мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот, тибқи талаботҳои СБҲМ, ҳисобҳои иловагӣ дар асоси нақшаи ҳисобҳои амалкунанда, методикаи тайёркунии ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ, вобаста ба фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ва мутобиқнамоии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ба шароити СБҲМ дар сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст;

9. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ, низоми идоракунии корхонаҳои сайёҳӣ ба ҷорӣ намудан ва истифодабарии низоми самараноки назорати дохилӣ ҳавасманд мебошад. Номукаммал будани назорати дохилӣ,

ки дар нодуруст муайян кардани объектҳои он ифода меёбад, яке аз омилҳои калидӣ мебошад ва ба муфлисшавии корхонаҳои сайёҳӣ оварда мерасонад. Вобаста ба хусусиятҳои объектҳои назорати дохилӣ барои зарурати корхонаҳои сайёҳӣ, таҳқиқотҳои муосири назариявии олимон онро пурра инъикос карда наметавонад. Ин имконияти таъминоти ташкили самаранокӣ ва амалишавии низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳиро бештар мушкил менамояд. Тасдиқ карда шудааст, ки вобаста ба хусусиятҳои хоси корхонаҳои сайёҳӣ, низоми назорат мутобиқи сохтори ташкилии субъектҳои соҳаи сайёҳӣ ба роҳ монда шавад, дар марказҳои масъулият бошад низоми бисёрсатҳаи назоратӣ ташкил карда шавад, ки ҷавобгарии фардии роҳбарони зерсохторҳои таркибӣ ва кормандонро пешбинӣ менамояд;

10. Вобаста ба хусусиятҳои соҳавӣ ва гуногунҷабҳагии самти фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ модели баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо дар корхонаҳои сайёҳӣ коркард шуда, методикаи алоқамандии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои инъикоси хароҷот ва даромадҳо пешниҳод карда шудааст, ки барои муайян намудани фоидаи амалиётӣ мусоидат менамояд.

Сохтори кори диссертатсионӣ, гузориши мақсаду вазифа, натиҷагирӣ ва мантиқии алоқамандии онҳо, тасдиқ мекунанд, ки муаллиф масъалаҳои гузошташударо амиқ дарк намуда, ҷанбаҳои таҳлили васеи муаммоҳои рушд ва такомули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, асосҳои назаривию методологиии онро дар ин самт илман асоснок намояд.

Сохтори кори диссертатсионӣ аз муқаддима, чор боб, хулосаҳо, тавсия ва пешниҳодҳо оид ба истифодабарии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат буда, ҳаҷми умумии он аз 367 саҳифаи матни компютерӣ, расмҳо, ҷадвалҳо, замимаҳо ва аз 334 номгӯйи рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

**Дар боби аввал – «Ҷанбаҳои назариявии рушди баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ»** муаллиф асосҳои назариявии фаъолияти сайёҳӣ, ҷанбаҳои танзими ҳуқуқӣ-меъёрии ташкили баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ ва хусусиятҳои ташкилию технологии корхонаҳои сайёҳӣ ва таъсири он ба ташкили баҳисобгирӣ ва назоратро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст.

Асосҳои назариявии фаъолияти сайёҳро муаллиф мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, оид ба таърихи пайдоиш ва рушди сайёҳӣ, мафҳуми сайёҳӣ аз сарчашмаҳои гуногуни таърихӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ ва ватанӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Дар натиҷаи омӯзиши мавқеи сайёҳӣ дар иқтисодиёт муаллиф хулоса намудааст, ки соҳаи сайёҳӣ ба дигар соҳаҳои хоҷагии халқ алоқамандии мутақобила дошта, барои

рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти афзалиятнок диққати махсус дода мешавад, зеро шароити зарурӣ дар мамлакат барои рушди н соҳа мавҷуд аст (саҳ. 24). Ба андешаи муаллиф, сайёҳӣ соҳаи ғайриистеҳсолӣ ба шумор рафта, корхонаву муассисаҳои соҳаи мазкур талаботи моддӣ ва ғайримоддии сайёҳонро таъмин намуда, вазифаи асосии сайёҳӣ – бо истироҳати бофароғат ва самаранок таъмин намудани одамон мебошад (саҳ. 25).

Вобаста ба ин, қабул гардидани Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва қабул гардидани дигар барномаву консепсияҳои давлатӣ барои давраи кӯтоҳмуддат ва миёнамуҳлат муҳим арзёбӣ гардидааст, ки барои ҷалби бештари сайёҳон ва рушди соҳаҳои ба сайёҳӣ алоқаманд мусоидат менамоянд (саҳ. 29). Дар диссертатсия диққати махсус ба фаъолияти субъектҳои соҳаи сайёҳӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулоти сайҳӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ машғуланд равона гардида, мафҳумҳои маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматрасониҳои сайёҳӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст (саҳ. 31). Аз тарафи муаллифи диссертатсия вазифагузорӣ, такмил додан ва беҳтар намудани самтҳои гуногун оварда шудааст, ки барои рушди сайёҳӣ ва вазифаҳои стратегӣ таъсир мерасонанд, ки қобили қабул мебошад (саҳ. 37-38).

Дар диссертатсия ба таъминоти меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳаи сайёҳӣ, ҳуҷҷатҳои танзими ҳуқуқии байналмилалӣ ва таъсири онҳо ба рушди соҳа диққати ҷиддӣ дода шуда, ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва гуруҳбандӣ карда шуда, мавқеи онҳо дар рушди сайёҳии мамлакат муайян карда шудаанд. Моделҳои амалкунандаи ҷаҳонии идоракунии соҳаи сайёҳӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд ва муаллиф ба хулосае омаддаст, ки иштироки бевоситаи давлат муносибатҳои байниҳамдигарии истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулоти сайёҳиро ба танзим даровarда, дар ҳолатҳои бухронӣ метавонад соҳаро дастгирӣ намояд (саҳ. 56). Муаллиф барои ташаккули низоми идоракунии соҳаи сайёҳӣ, ки ба рушди соҳа мусоидат менамояд, сатҳҳои макро, микро ва мезоиқтисодиро мавриди таҳлил қарор додааст (саҳ. 56-58).

Дар диссертатсия муаллиф тасдиқ менамояд, ки вобаста ба рушди соҳаи сайёҳӣ ва амалишавии фаъолияти сайёҳӣ, имконият пайдо шуд, ки ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум замина фароҳам оварда шавад, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, хизматрасонии нақлиётӣ, хӯроки умум, соҳаи фароғатӣ-истироҳатӣ рушд намояд, инчунин, мавзеъҳои таърихӣ, меъморӣ, маданӣ нигаҳдорӣ ва барқарор карда шаванд (саҳ. 63). Дар таҳқиқоти мазкур ба объекти асосии корхонаҳои сайёҳӣ – маҳсулоти сайёҳӣ

ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, нақшаи ташаккулёбӣ ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, таркиби маҳсулоти сайёҳӣ, тартиби муайян намудани арзиши аслӣ ва тартиби фурӯш ба сайёҳон диққати аввлиндарача дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки вобаста ба самти афзалиятнок эътироф гардидани соҳаи сайёҳӣ, солҳои охир олимони ватанӣ ба таҳқиқи фаъолияти соҳа бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, аммо масъалаи баҳисобгирии муҳосибӣ, назорат ва таҳлили корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, ки хусусиятҳои хоси худро доро аст ва вобаста ба гузариши субъектҳои хоҷагидори ватанӣ ба СБҲМ аз мадди назар дур мондааст, ки таҳқиқоти амикро тақозо менамояд (саҳ. 67).

Субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ ҳамчун истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандагони маҳсулоти сайёҳӣ, вобаста ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, шакл, тартиби ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибии худро амалӣ менамоянд, ки методологияи алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назоратро пешбинӣ менамояд. Дар диссертатсия тартиби ба расмият даровардани ҳуҷҷатии хизматрасониҳои сайёҳӣ дар расмҳои 1.3.3, 1.3.4 ва 1.3.5 оварда шудааст, ки далелҳои аввалини бақайдгирии амалиётҳо дар корхонаҳои сайёҳӣ маҳсуб меёбанд (саҳ. 71-73). Дар ҷадвали 1.3.1 муаллиф тавсифномаи хизматрасониҳо ва маҳсулоти сайёҳӣ – ҳамчун рӯйдоди аввали хусусиятҳои соҳавии баҳисобгирӣ ва назорат дар сайёҳро муфассал инъикос намуда, таъсири онҳо ба ташкил ва методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат муфассал таҳлил намудааст ва ба хулоса омадааст, ки хизматрасониҳо ба асосӣ, иловагӣ ва ёрирасон ҷудо карда шаванд, бинобар ин хароҷот ва натиҷаҳои молиявӣ бояд дар алоҳидагӣ инъикос карда шаванд ва вобаста ба намуди маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳии ба технологияи фаъолияти сайёҳӣ алоқаманд зарурияти истифодабарии усулҳои гуногуни хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот дар умум ва ба роҳ монда шавад, то ки маълумотҳои ҳисоботи молиявии корхонаҳои сайёҳӣ боэътимод, саҳеҳ ва муқосашаванда бошанд ва талаботи истифодабарандагонро пурра қонеъ карда тавонанд (саҳ. 78-81).

**Дар боби дуюм – «Масъалаҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ»** аз тарафи муаллиф муаммоҳои методологии баҳисобгирӣ ва назорат таҳлил, хароҷот вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ ва ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ таснифот карда шуда, ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар ин боб муаллиф бештар ба муаммоҳои ҳалталаби низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ диққати асосӣ дода, таъкид менамояд, ки номукаммал будани баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати фаъолияти сайёҳӣ ба ташаккули иттилооти эътимоднок барои

идоракунии он ва дар натиҷа ба рушди соҳа дар умум халал мерасонад ва ба масъалаҳои такмил додани назария, ташкил ва методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати фаъолияти сайёҳӣ диққати махсус додан лозим аст. Вобаста ба такмил додани ин масъалаҳо дар диссертатсия ин масъалаҳо ба назариявӣ, баҳисобгирӣ ва назорати фаъолияти сайёҳӣ ҷудо карда шудааст (саҳ. 86). Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки барои рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ, пеш аз ҳама таҳия ва қабули қонунҳо, стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ нақши калидиро мебозад ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба самти афзалиятнок эълон гардидани соҳаи сайёҳӣ, стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ, қонун ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, инчунин эълон гардидани солҳои рушди сайёҳӣ, деҳот ва ҳунарҳои мардумӣ, дар маҳалҳо ва дестинатсияҳи сайёҳӣ шароити беҳтар ва инфрасохтори объектҳои сайёҳӣ ба талаботҳои ҷаҳони муосир мутобиқ карда шуда истодаанд. Аммо, баъзе камбудиҳои вобаста ба норасоии мутахассисони баландихтисос, бо донистани забонҳои хориҷӣ, инчунин мутобиқ намудани хизматрасониҳои сатҳи байналмилалӣ ба сайёҳон то ҳол ҳалли худро наёфтаанд (саҳ. 89).

Муаллиф тавсифномаи умумӣ ва фарқияти ширкатҳо ва агентиҳои сайёҳиро мавриди таҳлил қарор дода, ба хулоса омадааст, ки вобаста ба фаъолияти истеҳсолӣ ва миёнаравии онҳо хусусиятҳои ташкили баҳисобгирии онҳо аз якдигар тафовут доранд. Вобаста ба ин таркиби хароҷоти амалиётии ширкатҳо ва агентиҳои сайёҳӣ гуногун арзёбӣ мегарданд ва ба шакли баҳисобгирии истифодашаванда, ҳуҷҷатикунонии амалиётҳои хоҷагидорӣ, тартиби ҳисоббаробаркуниҳо ва муносибатҳои шартномавии байниҳамдигарӣ вобастагӣ доранд (саҳ. 96).

Яке аз натиҷаҳои назарраси диссертатсия дар он аст, ки дар расми 2.1.1 намудҳои хароҷоти корхонаҳои сайёҳиро гуруҳбандӣ намудааст, ки барои дуруст баҳисобгирии муҳосибии хароҷот, ҷудо намудани хароҷот аз фаъолияти асосӣ ва дигар хароҷот, аз ҷумла хароҷоти пешбининашуда, барои арзишмуайянкунии маҳсулоти сайёҳӣ, манбаи андозбандӣ ва муайян намудани натиҷаи молиявии корхонаи сайёҳӣ мусоидат менамояд. Инчунин, муаллиф таъкид менамояд, ки асоси ташкили баҳисобгирии муҳосибии хароҷот дар корхонаҳои сайёҳӣ таснифоти онҳо ба мустақим (бевосита) ва ғайримустақим (бавосита), истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ мебошад. Дар мавриди гузаронидани хароҷоти ширкати сайёҳӣ ба гурӯҳи муайян, бояд намуди маҳсулоти сайёҳӣ, талаботҳои шартномаи фурӯш, сохтори ташкилии корхона ва дигар омилҳо ба инобат гирифта шаванд (саҳ. 97). Дар расми 2.1.4 намудҳои маҳсулоти сайёҳии корхонаҳои сайёҳӣ пешниҳодкунанда таснифот карда шудааст, ки ҳар яке аз намудҳои пешниҳодшуда амалиётҳои гуногунро

дар бар гирифта, дар баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста аз хусусиятҳои хоси худ дар алоҳидагӣ бояд инъикос карда шаванд (саҳ. 102).

Муаллиф хароҷоти корхонаи сайёҳиро таснифот намуда, вобаста ба аломатҳои гуногуна соснок намудааст ва ба хулоса омадааст, ки дар ҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ, бояд таркиби ҳар як намуди хароҷот ва тартиби ҳамроҳ кардани онҳо ба арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ, вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасонӣ аниқу возеҳ муайян карда шавад (саҳ. 121-123). Натиҷаи ин таҳқиқоти алоқамандӣ ва нишонаҳои таснифотии хароҷот дар расми 2.2.1 ҷамъбаст карда шудааст, ки дар он хароҷоти амалиётӣ ва молиявӣ тавсиф карда шудааст (саҳ. 125). Вобаста ба таснифоти маъмулии хароҷот мутобиқи унсурҳои иқтисодӣ, ки дар расми 2..2.2 оварда шудааст, муаллифи диссертатсия намудҳои асосии хароҷот барои ташаккули маҳсулоти сайёҳиро пешниҳод намудааст (саҳ. 128).

Дар диссертатсия нақши сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, назорат, таҳлил ва яке аз ҷузъиёти муҳими идоракунии корхонаҳои сайёҳӣ диққати махсус дода шудааст. Тасдиқ карда шудааст, ки сиёсати баҳисобгирӣ метавонад барои расидан ба натиҷаҳои баландтарини имконпазири фаъолияти корхонаи тиҷоратӣ мусоидат намояд: барои ҷамъоварӣ, ба низомдарорӣ ва ҷамъбасти маълумотҳои гирифташуда, ба нишондиҳандаҳои арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда, натиҷаҳои молиявӣ, андозбандии муносиб таъсир расонад (саҳ. 130). Ба ақидаи муаллиф, сиёсати баҳисобгирӣ аз маҷмуи усулҳои пешбудрди баҳисобгирии муҳосибӣ – ҳуҷҷатикунонӣ, назорати аввалия, баҳодиҳӣ, гурӯҳбандии ҷорӣ ва ҷамъбасти натиҷавии рӯйдодҳои фаъолияти хоҷагидории аз тарафи корхона қабулшуда мебошад ва он воситаи муҳимми ташаккули нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаи сайёҳӣ, банақшагирӣ ва сиёсати нархгузорӣ мебошад (саҳ. 134). Пешниҳоди муаллифии ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ дар расми 2.3.2 боиси таваҷҷуҳ ва мавриди истифода дар фаъолияти амалии корхонаҳои сайёҳӣ мебошад.

**Дар боби сеюм - «Баҳодиҳии ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ»** аз тарафи муаллиф вазъи муосири ташкили баҳисобгирӣ ва назорат таҳлили ҳамаҷониба карда шуда, ҷанбаҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирии фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ва муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ, мукаммалгардонии методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ дар сайёҳӣ ва ташкили назорати дохилии фаъолияти дар корхонаҳои сайёҳӣ баррасӣ карда шудаанд.

Боби сеюми диссератсия аз таҳлили ҳолати муосири ташкили баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ оғоз гардидааст, зеро

омӯзиши вазъи воқеии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ имконият медиҳад, ки ҳолати муосири пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар мавриди ҷорӣ гардидани СБҲМ дар кадом сатҳ қарор дорад ва кадом муаммоҳои ҳалталаб мавҷуданд, инчунин роҳҳои бартараф намудани ин муаммоҳо ва мукамалгардонии онҳо нишон дода шаванд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки чун соҳаи сайёҳӣ, ба ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ муҳит, расму ойин, анъанаҳои миллӣ, муносибатҳои иҷтимоию ҳуқуқӣ ва сохтори сиёсии мамлакат таъсир мерасонад ва иттилооти дар ҳисоботи молиявии корхонаҳо дарҷгардида барои қонеъ гардондани талаботи иттилоотии истифодабарандагони манфиатдор муҳим мебошад (саҳ. 151). Вобаста ба талаботҳои иқтисодиёти бозорӣ ва истифодабарии моделҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ, гузариши корхонаҳои ватанӣ ба СБҲМ-ро тақозо менамуд. Муаллиф давраҳои амалинамоии Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба гузариш ба Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ»-ро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, қайд намудааст, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ имконият фароҳам овард, ки бисёре аз ҷанбаҳои илмӣ ва амалии баҳисобгирии муҳосибӣ ба таҷрибаи байналмилалӣ наздик ё мутобиқ карда шаванд, аммо баҳисобгирии муҳосибии ватанӣ то ҳол ба сатҳи нави методологии дар ҷаҳони муосир истифодашаванда расонда нашудааст (саҳ. 153). Дар диссертатсия вобаста ба омода нмудани мутахасисони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ бо донистани  СБҲМ ва бознигарии барномаҳои таълмии тайёр кардани мутахассисони соҳа, ташкили курсҳои тайёркунӣ ва бозомӯзии мутахассисон, омӯзгорон, муҳосибон, аудиторони дорандаи сертификатҳои байналмилалӣ ва миллӣ, ҳавасмандкунии моддӣ ва маънавӣ ва ғайра аз тарафи муаллиф пешниҳодҳои мушаххас карда шудааст (саҳ. 156-157).

Ҳолати муосири нишондиҳандаҳои соҳаи сайёҳӣ дар солҳои охир мавриди таҳлил қарор дода шуда, масъалаҳои ҳалталаби ташкили баҳисобгирии муҳосибии самтҳои фаъолият ва ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ ва фурӯши он дар корхонаҳои сайёҳӣ дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, тартиби истифодабарии усулҳои арзишмуайнкунӣ дар асоси СБҲМ, дар асоси нақшаи ҳисобҳои амалкунанда ҳисобҳои иловагӣ пешниҳод карда шудаанд, ки барои дақиқ ба ҳисоб гирифтани хароҷот, даромад ва муайян намудани натиҷаи молиявӣ мусоидат менамояд (саҳ. 176-177).

Таҳлили дигаре, ки дар диссертатсия аз тарафи муаллиф гузаронда шудааст, ин мавқеи баҳисобгирии андоз дар дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад ва муаллиф пешниҳод менамояд, ки онро барои ба

низомдорорӣ ва коркарди ахборот оид ба далелҳои фаъолияти хоҷагидории корхона бо мақсади ташаккули қисмати даромади буҷет истифода бурдан аз манфиат холӣ нест (саҳ. 180). Инчунин, дар диссертатсия диққати махсус ба ташаккули сиёсати баҳисобгирии корхонаҳои сайёҳи бахшида шудааст, ки дар баробари сиёсати баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва андоз, яке аз ҷузъиёти онро сиёсати баҳисобгирии экологӣ ташкил медиҳад (расми 3.2.1).

Муаллиф барои мутобиқ намудани низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳии ватанӣ роҳандозӣ намудани як қатор амалҳо, аз ҷумла, такмил додани ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба талаботҳои СБҲМ, таҳияи стандартҳои соҳавӣ ва таёйркунии кадрҳоро зарур мешуморад (саҳ. 197). Дар асоси омӯзиши ҳолати воқеии тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибии ширкатҳои сайёҳии ватанӣ муаллиф хулосаҳои мушаххас намудааст, ки дар байни онҳо таҳия намудани модели сиёсати баҳисобгирӣ барои корхонаҳои сайёҳӣ қобили таваҷҷуҳ мебошад (саҳ. 201).

Дар натиҷаи таҳқиқоти вазъи воқеии ташкили низоми назорати корхонаҳои сайёҳӣ ва номукаммал будани он, дар расми 3.4.2 давраҳои ташкили низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳиро пешниҳод менамояд (саҳ. 224). Дар ҷадвали 3.4.1 муаллиф натиҷаи таҳқиқоти назорати дохилиро ҷамъбаст намуда, таъкид менамояд, ки барои муайян намудани натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ҳангоми амалӣ намудани низоми назорати дохилӣ бояд чунин ҷузъиёти ба ҳам алоқаманд, ба монанди низоми баҳисобгирӣ, муҳити назоратӣ ва маросимҳои назоратӣ ба инобат гирифта шавад (саҳ. 227) ва дар расми 3.4.3 (саҳ. 226) - модели ташкили низоми назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро пешниҳод намудааст. Тақсимоти назорат дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ ва ташкил намудани марказҳои масъулият ва муайян намудани доираи масъулияти шахсони масъул низ қобили таваҷҷуҳ мебошанд (саҳ. 230).

**Дар боби чорум - «Рушди методикаи баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ»** пешниҳодҳои мушаххас оид ба мукаммалгардонии методикаи баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот дар корхонаҳои сайёҳӣ, рушди методикаи назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, модели баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо дар корхонаҳои сайёҳӣ бо натиҷаи ниҳоии илман асоснок ҷамъбаст карда шудааст.

Дар боби мазкур барои таъминоти самараноки корхонаҳои сайёҳӣ дар ҷараёни хизматрасонӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат истифодабарии технологияи муосири коркарди ахборот, усулҳои муосири арзишмуайянкунӣ аз фаъолияти амалиётӣ, ки барои баланд гардидани сифати хизматрасонӣ,

паст кардани арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ ва дар баробари ин дар пайдо намудани мавқеи устувор дар рақобати бозори хизматрасонии сайёҳӣ мусоидат менамоянд, диққати махсус дода шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки масъалаҳои таҳқиқот, баҳисобгирӣ ва таҳлили хароҷоти ташаккулёбандаи ширкатҳои сайёҳӣ муҳим мебошад. дар давраи муосир, такмил додани идоракунии хароҷот дар соҳаи сайёҳӣ муҳиммияти худро гум накардааст ва бо дарназардошти фаъолият дар шароити муосир, хусусиятҳои соҳавӣ ва меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ватанӣ таҳқиқоти минбаъдаро талаб мекунад (саҳ. 241). Ба ақидаи муаллиф, яке аз омилҳои таъмин намудани идоракунии муваффақонаи даромадҳо ва хароҷот дар корхонаҳои сайёҳӣ таъминоти иттилоотӣ мебошад, ки онҳо ба таъминоти иттилоотӣ оид ба даромад, хароҷот ва санадҳои танзимкунандаи соҳа маҳсуб меёбанд (саҳ. 242).

Дар диссертатсия фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, ки бевосита ба ташаккул ва пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ машғуланд натиҷагирӣ карда шудаанд ва муаллиф пешниҳод менамояд, ки бояд бо тартиби ҳатмӣ даромадҳо ва хароҷот, вобаста ба намуди фаъолияти онҳо дар алоҳидагӣ ба ҳисоб гирифта шаванд. Барои рушди соҳаи сайёҳӣ, пешбурд ва амилинамоии фаъолияти сайёҳӣ такмил додани методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва назорат талаби замон буда, маълумоти дар дораи он ташаккулёфта барои баҳодиҳии фаъолият, эътимоднокии иттилоот, коркард ва қабули қарорҳои саривақтии идоракунӣ аз ҷониби менеҷерони корхонаҳои сайёҳӣ истифода бурда мешавад (саҳ. 243).

Дар диссертатсия методикаи назорати дохилии хароҷот, даромад ва натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ муфассал таҳлил карда шуда, дар расми 4.2.7 методикаи умумии гузаронидани назорати дохилии натиҷаи фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ пешниҳод шудааст, ки натиҷаи фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ва дурнамои васеъ намудани фаъолияти онҳоро тавсиф менамояд. Муаллиф тасдиқ менамояд, ки низоми назорати дохилии пешниҳодшуда мукаммалгардонии методикаи назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ имконият медиҳад, ки сари вақт ва аниқ майлкуниҳо аз нақша ошкор карда шаванд, инчунин хатоиҳо, ноаниқиҳо ва тағйирёбиҳо самаранок пешгирӣ шаванд ва ин ба беҳтар гардидани натиҷаҳои фаъолияти корхона мусоидат менамояд (саҳ. 277).

Муаллиф нақши баҳисобгирии муҳосибиро дар амалинамоии назорат ва идоракунии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ муҳим арзёбӣ намуда, ҷорӣ намудани навовариҳо ва барномаҳои муосири коркарди иттилоот, исифодабарии усулҳои муосири баҳисобгирӣ ва назоратро дар шароити муосири рушди сайёҳии ҷаҳонӣ ва талаботҳои СБҲМ зарур мешуморад. Дар

баробари ин, муаллиф нақши калидии моделсозиро дар пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ махсус қайд меамояд, ки воситаи самарабахши таҳкими ягонагӣ, аз ҷумла воситаи методологии муттаҳидкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ баромад мекунад (саҳ. 281).

Дар диссертатсия мафҳуми моделсозӣ аз нуқтаи назари сарчашмаҳои гуногун таҳлил карда шуда, истифодабарии он дар соҳаҳои гуногун барои расидан ба мақсадҳои ниҳоии корхонаҳо асоснок карда шудааст. Ягонагии модели баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳо таъкид карда шуда, мавқеи он барои коркард ва таҳияи методологияи ташкил, пешбурд, ба тартиби муайян даровардани гирифтан ва коркарди маълумот оид ба объектҳои баҳисобгирӣ муҳим арзёбӣ мегардад (саҳ. 283).

Муаллиф дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ методология, методика, ташкил ва технологияро ҳамчун унсурҳои объекти алоҳидаи моделсозӣ эътироф намуда, онҳоро шарҳу тавзеҳ додааст (саҳ. 285) ва тартиби тарҳрезии моделҳои ташкили баҳисобгирӣ ва самтҳои истифодабарии амалии онро, ки идеологияи моделсозии ташкили баҳисобгирии муҳосибиро ташкил медиҳанд, муфассал кушодааст (саҳ. 286). Инчунин, дар асоси моделҳои таснифотии соҳавӣ, мазмуну мундариҷаи модели таснифотии ташкили баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо вобаста ба объекти корхонаи сайёҳиро дар ҷадвали 4.3.2 пешниҳод намудааст (саҳ. 293).

Дар расми 4.3.2 (саҳ. 296), модели муаллифии баҳисобгирии хароҷот ва даромади хизматрасонии корхонаи сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст, ки таҳқиқоти гузарондашуда натиҷагирӣ карда шудааст ва дар расми 4.3.3 тартиби инъикос намудани амалиётҳои ташаккул, арзишмуайянкунӣ, баҳисобгирии даромад, хароҷот ва муайян намудани натиҷаи молиявӣ пешниҳод карда шудааст, ки барои расидан ба мақсадҳои бунёдӣ ва вазифаҳои гузошташуда интихоби мантиқии низомҳо, талаботҳо ва принсипҳои ба ҳам алоқаманди баҳисобгирӣ риоя карда шуда, мавқеи назариявӣ ва методологии модели баҳисобгирии муҳосибии хароҷот ва даромадҳои корхонаи сайёҳиро муайян менамояд, инчунин барои фаъолияти пурсамари корхонаҳои сайёҳӣ, ки ба хизматрасонии гуногунҷабҳа машғуланд, мусоидат менамояд (саҳ.301).

Дар хулоса ва пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳое, ки аҳамияти назариявӣ-амалӣ доранд, ҷамъбаст карда шудаанд. (саҳ. 303-316).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Сохтори диссертатсия мантиқӣ буда, асосноккунии хулосаҳо ва таҳияи тавсияҳо ақидаҳои назариявӣ-методӣ, асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва тавсияҳои амалӣ барои ҳалли ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқот – мукаммалнамоии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилии корхонаҳои сайёҳии ватанӣ арзишманд мебошшанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашуда, таҳлилу баррасии вазифаҳои гузошташуда, кофӣ будани ҳаҷми кори диссертатсионӣ, коркарди кофии натиҷаҳои таҳқиқот ва таълифоти муаллиф эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро тасдиқ менамояд. Хулоса ва тавсияҳо оид ба методологияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати корхонаҳои сайёҳӣ барои дар амалия татбиқ намудани натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад. Хулосаи кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили натиҷаҳои илмӣ-амалии таҳқиқот омода шудаанд.

Истифодабарии натиҷаҳои муҳими таҳқиқот дар фаъолияти амалии ширкатҳои сайёҳии ҶДММ «Корвон Саёҳат» (санади №40 аз 16.10.2023), ҶДММ «Расул тур» (маълумотномаи №7/3 аз 21.10.2023), ҶДММ «Ориент Адвентур» (санади №53 аз 14.10.2023), ҳамчунин, дар ҷараёни таълимии таълими фанҳои «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит дар корхонаҳои саноати сайёҳӣ», «Баҳисобгирии идоракунӣ», «Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ», «Назорати молиявӣ», «Омори сайёҳӣ», «Иқтисодиёти сайёҳӣ» ва «Менеҷменти сайёҳӣ» дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (маълумотномаи № 01/665 аз 20.10.2023) ва дар ҷараёни таълимии тадриси фанҳои «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит», «Баҳисобгирии молиявӣ», «Баҳисобгирии идоракунӣ», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар соҳаҳо», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар соҳаи хизматрасонӣ», «Таҳлили иқтисодӣ» Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маълумотномаи № 543 аз 23.10.2023) эътимоднокии кори диссертатсиониро тасдиқ менамоянд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти илмии** таҳқиқоти диссертатсионӣ ба асосноккунии илмии асосҳои назариявӣ ва методологии мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳии ватанӣ, тибқи талаботҳои стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ифода меёбад.

Дар диссертатсия муҳимияти сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳо, аз ҷумла корхонаҳои сайёҳӣ асоснок карда шуда, таҳия ва тасдиқи ҳатмии он дар корхонаҳои сайёҳӣ, барои дуруст ташкил намудан ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат ҳатмӣ шуморида шудааст, ки барои баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати ҷараёнҳои гуногунҷабҳаи корхонаҳои сайёҳӣ, аз ҷумла, таҳияи низомнома ё дастурамали соҳавӣ барои муайян намудани арзиши аслии маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, таркиби моддаҳои хароҷот, вобаста ба хусусиятҳои соҳавӣ, баҳисобгирии даромад ва хароҷот дар ширкатҳо ва агентиҳои сайёҳӣ, тибқи талаботҳои СБҲМ ва барои такмил додани низоми ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ барои корхонаҳои сайёҳӣ моделҳои сиёсати баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ аҳамияти илмӣ доранд.

**Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ** аз коркард ва пешниҳоди методологияи мукаммали ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, вобаста ба рушди соҳаи сайёҳӣ ва зиёд гардидани корхонаҳои сайёҳӣ, инчунин ҷорӣ намудани талабот ва принсипҳои СБҲМ зоҳир мегардад. Маводҳои пешниҳодшудаи диссертатсия дар равиши таҳияи низомнома ва дастурамалҳои соҳавӣ оид ба ҳисобгирии муҳосибӣ, назорати дохилӣ, таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ барои корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар идораҳои ваколатдори давлатӣ дар доираи ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи СБҲМ истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳамияти иқтисодӣ натиҷаҳои диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки тавсияҳо ва хулосаҳои пешниҳодшуда дар шароити иқтисоди бозорӣ, рақамикунонии иқтисодиёт, ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибии ватанӣ, ба корхонаҳои соҳаи сайёҳии ватанӣ имконият фароҳам оварад, ки барои мавқеи устувор пайдо намудан дар бозори умуҷаҳонии сайёҳӣ ва ҷалби бештари сайёҳон ба мамлакат мусоидат намояд. Инчунин, дастрасии иттилооти саҳеҳ ва эътимодбахш ба истифодабарандагони иттилооти молиявӣ, сайёҳони дохилӣ ва берунӣ барои ҷалби бештари сайёҳон мусоидат менанамояд ва даромади корхонаҳои сайёҳӣ зиёд мешавад, ҷойҳои корӣ бештар ва сатҳи зиндагии аҳолии маҳал баланд мегардад. Натиҷаҳои диссертатсия барои мутобиқ намудани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати корхонаҳои сайёҳӣ ба СБҲМ мусбӣ арзёбӣ гардида, барои мавқеи муайян пайдо намудани корхонаҳои сайёҳии ватанӣ дар арсаи байналмилалӣ ва бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ мусоидат менамояд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**. Вобаста ба самти афзалиятнок эълон гардидани соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат, дастгирии

бевоситаи давлатӣ, додани имтиёзҳо ва сабукиҳои андоз ба рушди соҳа, ба стадартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани инфрасохтор ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, ки дар Стратегияи рушди сайёҳи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, аз ҷумлаи афзалиятҳои муҳими сиёсати иқтисодию иҷтимоии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ҳамаи ин чорабиниҳо ва амалҳо ба ташкили дуруст ва пешбурди баҳисобгирӣ ва назорат мутобиқи стандартҳои байналмилалиро талаб менамояд. Бинобар ин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба фаъолияти самараноки корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ба рушди иқтисодии кишвар, таъсиси ҷойҳои кории нав таъсири назаррас расонида, ба баланд бардоштани нуфузи ширкатҳои сайёҳии ватанӣ ва мамлакат дар арсаи байналмилалӣ, ҳисси худшиносӣ ва ифтихори миллӣ, инчунин суботи иҷтимоӣ ва ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат хоҳад кард.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Мазмуну муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли мақола ва тезисҳои илмӣ дар конфронсҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва монографияҳо нашр гардида, аз 2 монография, 63 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 39,75 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 36,5 ҷузъи чопӣ аз муаллиф) иборат аст, ки 19 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсияи тақризшаванда мутобиқ ба муқаррароти бандҳои дахлдори «Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, № 267) омода гардида, муқаддима ва бахшҳои он - мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои он, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври кофӣ мазмуну муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд ва асосҳои назариявӣ, илмию амалии корро ба таври мукаммал инъикос менамоянд. Ҳамчунин, меъёрҳои муқаррагардидаи кори диссертатсионӣ вобаста ба ҳаҷм, тартиби ба расмият

даровардани расмҳо ва ҷадвалҳо, нигориши феҳристи адабиёт ҳангоми навиштани диссертатсия дуруст риоя карда шудаанд.

Диссертатсия ба талаботҳои «Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» аз 30 июни соли 2021, № 267, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Кори диссертатсионии Раҳимов Саидалӣ Холович кори мустақилона ба итмомрасондашуда, дорои унсурҳои навгонӣ ва арзишҳои илмӣ ва амалӣ мебошад ва барои дар амал татбиқ намудани натиҷаҳои он барои мукаммал намудани ташкил ва пешбурди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манфиати корхонаҳои сайёҳии ватанӣ мебошад. Диссертатсия бо лаҳни илмӣ, фаҳмо ва бо риояи талаботи забони давлатӣ, истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст.

Автореферат ва мақолаҳои чопшудаи довталаб ба мазмуни диссетратсия пурра мувофиқат мекунанд. Маводи асосии дифоъ автореферат мебошад, ки ҷанбаҳои асосии мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамояд ва талаботҳои мавҷуда дар ин самт пурра риоя гардидаанд.

**Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Дар қатори бартариятҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои норасоиҳо низ мебошад, ки ба онҳо дохил мешаванд:

1. Дар ҷалвали муаллифии 1.1.1 корхонаҳои сайёҳӣ ба ду гуруҳ ҷудо карда шуда бошанд ҳам, нақши онҳо дар хизмарасонии фаъолияти сайёҳӣ пурра кушода нашудааст (саҳ. 32).
2. Дар саҳ. 42, расми 1.2.1. – Таркиби институтсионалии соҳаи сайёҳӣ, хуб мешуд корхонаи намуди кластерии сайёҳиро ҳам ба таркиби институтсионалии он ҳамроҳ мекардед, чунки маҳз ташкиди кластерии хизматрасонии сайёҳӣ “занҷири арзишии” онро таъмин карда ба ҳисоб мегирад.
3. Дар боби 2, зербоби 2.2. - Таснифоти хароҷот вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ, дар баробари “Хароҷоти ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ”, инчунин хароҷоти ба ташкил ва фурӯши пакети сайёҳӣ (турпакет)-ро ҳам ба ҳисоб гирифта, онро ба хароҷоти роҳнамои саёҳат, нақлиёт, меҳмонхона, ғизо ва дигар хароҷотҳои дохили турпакет ба тасниф овардан, ба фикрамон мазмуни диссертатсия боз ҳам мукаммалтар мешуд.
4. Дар зербоби 3.1. вазъи муосири ташкили баҳисобгирӣ ва назорат таҳлил карда шудааст, аммо сабабҳои то ба охир нарасидани ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибии ватанӣ, аз ҷумла дар корхонаҳои сайёҳӣ ва мутобиқ намудани он ба талаботҳои СБҲМ пурра таҳлил карда нашудааст.Барои мутобиқ намудани низоми баҳисобгирии муҳосибии

корхонаҳои сайёҳии ватанӣ ба талаботҳои СБҲМ ва беҳтар намудани раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, ба қатори 7-то амалҳои роҳандозие, ки диссертант дар саҳифаи 197-и диссертатсия номбар кардааст, инчунин “ғамхорӣ дар бораи бехатарии сайёҳон” ҳам барои сайёҳон муҳим мебошад.

Бояд қайд намуд, ки нуқсону камбудиҳои номбаршуда тавсиявӣ мебошанд ва ба мазмуну мундариҷа, натиҷаи назариявию илмӣ ва амалии диссертатсия таъсир намерасонанд.

**Хулоса**

Кори диссертатсионии иҷрогардида аз нуқтаи назари коркарди илмӣ, мантиқӣ, амалиётҳои таҳлилӣ, баҳодиҳии ҳолатҳо, истифодабарии методҳо, асосноксозии назарияҳо, натиҷагириҳо дар сатҳи баланди назариявӣ ва илмӣ-амалӣ иҷро гардидааст ва таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусиро ифода менамояд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи “Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ”, аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар сатҳи баланд ба итмом расонда шуда, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35 “Тартиби додани унвонҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессори кафедраи**
**маркетинг ва менеҷменти**
**Донишгоҳи давлатии Бухоро** **Навруз-Зода Б.Н.**

**Имзои Навруз-Зода Б.Н.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори департаменти идоракунии захираҳои**
**инсонии Донишгоҳи давлатии Бухоро** **Файзиева У.А.**

07-уми январи соли 2025

Суроға: Ҷумҳурии Ӯзбекистон, 100018, ш. Бухоро, кӯчаи М.Иқбол, 11.
Тел: (+998) 65 221-29-14 (раб.), (+99890) 5119051 (моб.)
e-mail: bnzoda@mail.ru